Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА - 012 назди Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сайдуллоев Умедҷон Ӯктамович ба диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)

## 1.Мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия

Дар шароити имрӯза дар баробари ҳалли дигар мушкилоти иқтисодӣ дар назди давлат вазифаи рақамикунонии босуръати иқтисодиёт меистад. Бартарафсозии мушкилоти мавҷуда ба истифодаи фановариҳои нави рақамии замонавӣ, инфрасохтори мувофиқ, кадрҳои баландихтисос, рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошад.

Роҳи ҳалли масъалаҳо ба мавҷуд будани сармояи ниҳоят калон вобаста аст. Дар шароити муосир ба Ҳукумати кишвар лозим буд, ки ҷиҳати даст кашидан аз инҳисороти давлатӣ дар соҳаи технологияҳои рақамӣ чораҳои мушаххас андешад. Аз ин рӯ, тамоми имкониятҳо барои қонеъ гардонидани истифодабарандагон ва субъектҳо, фароҳам овардани шароити мувофиқ дар бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ ба манфиати истифодабарандагони инфиродӣ равона карда шуданд.

Мубрамияти кори таҳқиқшаванда бо омӯзиши омилҳои болозикр алоқаи зич дорад, ки дар кори диссертатсионии Алимова М.А. ба таври мушаххас

мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фаъол гардонидани тамоми имкониятҳои иқтисодӣ ҷиҳати рушди бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқоти нави илмӣ, бахусус таҳияи механизмҳои муосири ҳисоббаробаркуниро тақозо менамояд, ки аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубрам будани онро асоснок менамояд.

## 2.Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Кори диссертатсионии иҷрошуда ва ба ҳимоя пешниҳод карда шуда, ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ): банди (III.) зербандҳои 3. – Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 24. – Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 27. – Дастгирии давлатии рушди савдои хусусӣ ва корпоративӣ дар мамлакат, минтақа ва соҳаҳо. 31.– Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ мувофиқ мебошад.

## 3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо

Навгониҳои илмии дар диссертатсия ироагардида аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ, таҳлили ҳолати бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, таҳияи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионӣ, самтҳои афзалиятнок, механизми рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, ки дар амалишавии стратегияҳои ҳадафманди Ҳукумати мамлакат дар самти рушди иқтисоди рақамӣ барои давраи дарозмуддат пешбинӣ шудааст фикру мулоҳизаҳои судманд пешниҳод намудааст ва метавонад дар амалишави ин ҳадафҳо саҳми назаррас гузорад.

Таҳлили диссертатсияи тақризнаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- дар диссертатсия таҳия ва пешниҳоди коркарди илмӣ - муаллифии бозори хизматрасониҳои алоқаҳои мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ дар асоси омӯзиши ҳаматарафаи адабиёти илмии иқтисодии муосир аз тарафи муаллиф сурат гирифта, тасниф ва сохтори бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ пешниҳод гардидааст;

- омилҳои таъсиррасон ба рушди ояндаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ ошкор карда шуда замина барои такмили минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар асоси арзёбии таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, техникӣ, технологӣ, инчунин, омилҳои муҳити дохилии бозор, рақобати нокомил, мавҷуд набудани ширкати миллии пешниҳодкунандаи хизматарасонӣ, тақозо, арза, нарх ва рақобат гузаронида шудааст;

- дар диссертатсия таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунии бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар асоси коркарди маълумоти оморӣ ва нишондиҳандаҳои ширкатҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва муайян кардани таъсири онҳо ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ гузаронида шудааст. Аз натиҷаҳои таҳлили нишондиҳандаҳои хизматрасонии алоқаи мобилӣ маълум гардид, ки фаъолияти аксарияти ширкатҳои миллӣ ба талабот ва унсурҳои рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯй намебошанд;

- дар асоси равишҳои гуногуни илмӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ арзёбии далелҳои ташкилию иқтисодӣ, ташаккул ва рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ гузаронида шуда, таъсири омилҳо баҳо дода шудааст. Дар ин радиф ба сифати унсурҳои хизматрасонӣ нишондиҳандаҳои асосӣ, аз он ҷумла ҳолати пешниҳоди ин хизматрасониҳо дар муқоиса бо дигар ширкатҳо муайян карда шудаанд;

- дар раванди иҷрои диссертатсия бо истифода аз усулҳои моделсозии иқтисодӣ – риёзӣ дар асоси истифодаи маълумотҳо оид ба хизматрасониҳои

пешниҳодшудаи мобилӣ, амсилаи оптимизатсионӣ дар мисоли ЧСК «Таком» таҳия карда шуда дар асоси истифодаи натиҷаи амсила баҳодиҳии дуҷониба бо мақсади афзоиши даромад ва кам кардани хароҷот тавсияҳои илман асоснок пешниҳод гардидааст;

- таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар асоси коркарди амсилаҳои иқтисодӣ - риёзӣ ва оптимизатсионӣ, таҳияи механзими танзими давлатӣ ва таъсири он ба ташаккули ояндаи ин бозор дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сомон расонида шудааст.

### 4.Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳоро дар бар гирифта, он аз 186 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шудааст.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ (саҳ. 4-14), фарогири баррасии мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методии тадқиқот, ҳадафи объект, мавзуъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот мебошад. Ҳамчунин, дар муқаддима нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия, иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он ва интишори натиҷаҳои диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар боби аввали рисола "Паҳлӯҳои асосии назариявию методии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ" (саҳ. 15-63), назарияҳои асосӣ ва методҳои таҳқиқи бозор дар шароити муосир (саҳ. 15-30) таҳқиқ карда шуда, хусусиятҳои хоси рушди соҳаи алоқаи мобилӣ (саҳ. 30-46) муайян карда шада, инчунин таҳқиқи омилҳо ва масъалаҳои ташаккули соҳа гузаронида шудааст.

Муаллифи диссертатсия (С. 18) қайд намудааст, ки коркард, дастрасӣ ба фановариҳои муосири рақамӣ, соҳаи серхарҷ буда, мутахассисони

баландихтисос ва технологияҳои бисёрвазифагии сатҳи баландро тақозо менамояд. Дар ҳақиқат, татбиқи онҳо аксар вақт бо дигаргуниҳои инқилоби илмию технологии асри нав муқоиса карда мешавад ва айни замон бояд тамоми сохтор ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ аз он самаранок истифода намоянд. Дар ин давра бозори хизматрсониҳои алоқаи мобилӣ паҳлӯҳои зиёди воқеияти иқтисодӣ, аз ҷумла вазифаи мубодилаи маблағро, ки тадриҷан аз баробарарзишии умумии хароҷоти меҳнат ба воситаи пардохт табдил ёфт, тағйир дод.

Муаллиф дар баробари дигар пажӯҳишгарони соҳа ба чунин ақида омадааст, ки бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ метавонад дар рақамикунонии иқтисодиёт саҳми назаррас дошта бошад. Ӯ ақидаҳои худро атрофи ин падидаи иқтисодӣ чунин баён намудааст: “Ба андешаи мо, хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ - ин навъи хизматрасониҳое мебошанд, барои пайваст кардани тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, ҳалли масъалаҳои марбут ба мубодила, қабул ва интиқоли иттилоот тавассути технологияҳои тавонманди фосилавӣ, нигоҳ доштани он мувофиқи усулҳо ва алгоритмҳо, бо мақсади татбиқи он дар ҳаёти воқеии сектор ва соҳоти расмии иқтисодиёти кишвари маҳбубамон ва соҳоти иҷтимоиро мефаҳманд”. Бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ – ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятиро дар рафти фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади танзими рақобат ва идоракунии сатҳи нархҳо, иҷрои вазифаҳои дорои аҳамияти иҷтимоидошта баҳо додан мумкин аст (с. 29).

Инчунин зимни баррасиҳо хусусиятҳои хоси рушди соҳаи алоқаи мобилӣ мавриди таҳқиқоти судманд қарор гирифта мавқеи он дар рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф бо такя ба дигар адабиёти соҳавӣ нуқтаи назари худро чунин пешниҳод намудааст: «Иқтисодиёти рақамӣ – ин низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад, ки рақамикунонии соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифта, барои ба тартиби муайян даровардани раванди идоракунии он мусоид мебошад, меноманд». Ба андешаи муаллифи диссертатсия иқтисодиёти рақамӣ ба навъи истифодабарии

технологияҳои рақамӣ тавъам буда, онро мизони воқеии самарадиҳанда пешрафта ва даромадоранда мепиндоранд (с. 33).

Иқтисодиёти рақамӣ бо иқтидори босуръат афзоишёбанда ва харочоти босуръат камшаванда барои шаклҳои нави ташкили меҳнат ва шуғл, ҳам дар корхонаҳои алоҳида ва ҳам дар тамоми ҷомеа имкониятҳои муфидро фароҳам меоранд. Навгониҳои рақамӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсоният: маориф, географияи одамони алоҳида (минтақаҳо), мизони сиёсию иҷтимоӣ, интиқоли молу коло, дучанд мутассир буда, ҳоло дар масири нав фаъолият менамояд.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқ омилҳоеро ошкор намудааст, ки дар рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва иқтисоди рақамӣ таъсири калон мерасонанд. Ба андешаи ӯ омилҳои зерин ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқа таъсир мерасонанд: шумораи корхонаҳои алоқа; дастрасии хоҷагиҳо ба хизматҳои интернетӣ аз тариқи компютери хонагӣ; дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии интернет.

Имрӯз алоқаи мобилӣ иқтисодиёти навоваронаро ба вуҷуд овардааст, ки омили муҳимтарини баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Зимоми идоракунии иттилоотӣ - таҳлилӣ дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон ба давлатҳо мансуб буда, имконият медиҳад, ки тараққиёти кишвар ва минтақаҳо ҳамчун унсури низомсоз истифода гардад. Ҳамаи ин ба он вогузор карда мешавад, ки ба навсозии соҳаҳои ҷамъиятӣ алоқаманд ва таъсиркунанда аст (с. 58 - 59).

Дар боби дуюми рисола "Арзёбии вазъи кунунии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ" (саҳ. 63-110) таҳлил ва баррасии унсурҳои таркибии ҳолати муосири ташаккули бозор (саҳ. 63-78), инчунин арзёбии омилҳои таъсиррасон ва коркарди низоми нишондиҳандаҳои рушди бозор (саҳ. 78-97) гузаронида шудааст, ҳамзамон нишондиҳандаҳои асосӣ ва хусусиятҳои тарофаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (саҳ. 97-110) мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар ҷараёни таҳлили маҷмӯии ҳолати рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба хулосае омадааст, ки сатҳи пешниҳоди хизматрасониҳои

алоқа, фарогирии доираи истифодабарандагон нисбати солҳои пешин дорои рушди устувор мебошад. Дар натиҷаи таҳлили вазъи техникӣ, иқтисодии ширкатҳо, инчунин такмили инфрасохтори соҳа ба хулосае омадааст, ки айни замон дар ҳолати навсозӣ қарор дорад.

Новобаста аз ин таҳлили сареҳ бо дарназардошти баъзе нишондиҳандаҳои он анҷом дода шудааст ва муаллифи диссертатсия бо истифодаи усулҳои маъмули умумиилмӣ онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст (зербоби 2.1.).

Дар ҷараёни баҳодиҳӣ ва таъсири омилҳо муаллиф бо истифодаи усулҳои амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ таъсири онҳоро ошкор намуда қайд намудааст, ки дар рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, хусусан дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, нишондиҳандаҳои зерин: шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ (ҳаз. нафар), шумораи истифодабарандагони интернет (ҳаз. нафар), шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар), сатҳи омодагии электронии шаҳрвандон (бо %), даромади аҳолӣ, ҳамагӣ (млн. сомонӣ), соҳаи хизматрасонӣ (млн. сомонӣ), даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа (мувофиқан бо нархҳои амалии солҳо, млн. сомонӣ), сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК таъсир мерасонанд. Ӯ бо истифодаи таҳлилҳои мушаххас ва таҳияи амсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ таъсири омилҳоро ошкор намуда фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод намудааст, ки дар рушди устувори бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ зарур мебошанд. Натиҷаҳои ҳосилшуда муътамад буда аз мувофиқ будани он дар раванди таҳқиқот дарак медиҳад (с. 95).

Дар боби сеюми рисола “Такмили механизми ташкилию - иқтисодии ташаккули бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” (саҳ. 110-135) таҳияи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (саҳ. 110-120) коркард карда шуда, такмилдиҳии самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (саҳ. 120-135) муайян карда шудааст,

инчунин такмил ва тавсияи механизми танзими давлатии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (саҳ. 135-151) арзёбӣ карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки масъалаи кам ва ё зиёд намудани фоида, даромади корхонаҳо басо кори мушкил, мураккаб ва баҳсталаби на танҳо БХАМ, балки ҳамаи соҳаҳо ва умуман илмҳои риёзӣ, иқтисодӣ мебошад. Лекин оптималикунонии даромад, инчунин дараҷаи таъмини истеъмолкунандагонро аз лиҳози татбиқи хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ (ҷустуҷӯй, интиқол ва қабул, коркард, таҳлил, навсозии иттилоот) - ро муҳим мегардонад, ки дар он фаъолияти мунтазам ва фоидаовар ба дараҷаи ниҳоӣ амалӣ гардонида мешаванд. Бо дар назардошти чунин ақидаи сареҳ амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии бозори хизматрасонҳои алоқаи мобилӣ таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои ҳосилшуда дуруст буда метавонанд, агар дар рушди минбаъдаи бозори хизматрасонҳои алоқаи мобилӣ дар мисоли объекти мушаххас истифода карда шаванд (с. 113).

Муаллиф ба таври нақшавӣ ва шарҳу эзоҳҳои доманадор самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (с. 112) ва механизми танзими давлатии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро (с. 142) пешниҳод намуда, доир ба зарурати такмили механизми ташкилӣ – иқтисодии рушди минбаъдаи бозор фикронии дақиқ ва илман асоснокро пешниҳод намудааст. Дар ҳақиқат такмили механизми ташкилӣ – иқтисодии рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ зарур буда, тадбирҳои пешниҳодгардида барои ташаккули минбаъдаи он муҳим мебошанд.

Дар охири рисола инчунин хулосаҳои асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 153-157).

## 5.Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи назариявию амалии диссертатсия

Дар баробари муваффақиятҳо ва натиҷаҳои баланди илмии дар диссертатсия ироагардида баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба назар мерасанд.

1. Дар диссертатсия дар сатҳи зарурӣ назарияҳои асосӣ ва методҳои таҳқиқи бозор ва инчунин, хусусиятҳои хоси рушди соҳаи алоқаи мобилӣ дар шароити муосир дар асоси арзёбии ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ омухта шудааст. Новобаста ба ин баъзе ҷабҳаҳои рушди бозори алоқаи мобилӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти кишвар ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

2. Аз баррасии диссертатсия бар меояд, ки диққати асосиро муаллиф ба таҳқиқи омилҳо ва масъалаҳои ташаккули соҳаи алоқаи мобилӣ равона кардааст. Мутаассифона нишондиҳандаҳои рушди бозори алоқаи мобилӣ бо дарназардошти арзёбии омилҳои таъсиррасон ба таври пурра ва дақиқ баҳогузорӣ нагардидааст.

3. Аз баррассии амсилаи иқтисодӣ – риёзии оптимизатсиякунонии бозори хизматарсониҳои алоқаи мобилӣ, ки муаллиф коркард намудааст, дида мешавад, ки дар он на ҳамаи параметрҳои баҳодиҳии объекти ба амсила фарогирифташуда ба ҳисоб гирифта шудаанд.

4. Дар асоси арзёбии маводҳои такмилдиҳии самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дида мешавад, ки амали шудани ин самтҳо бо назардошти рушди бозор дар тамоми қаламрави кишвар бе баҳисобгирии воситаҳои молиявӣ сурат гирифтааст. Инчунин истифодаи механизми ҳамгироии бахши хусусӣ ва давлатӣ дар соҳаи алоқаи мобилӣ аз таҳқиқи пурра дур мондааст.

5. Муаллиф дар раванди такмил ва пешниҳоди тавсияи механизми танзими давлатии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба вуҷудоии тағйиротҳои транформатсионӣ ва рушди шабакаҳои муосири технологиро арзёбӣ накардааст.

6. Диссертатсия дорои баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва орфографӣ мебошад. Инчунин баъзе аз муқарраротҳоро бо назардошти баланд бардоштани механизми рушди алоқаи мобилӣ равшану аниқ кардан зарур аст.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии кори такризшавандаро коста намегардонанд ва

бештари онҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи “Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” таҳқиқоти мукаммали дар сатҳи баланди назариявию методӣ ва амалӣ анҷомёфта буда, мазмуну мундариҷа, хулосаю пешниҳодот ва навгониҳои илмии он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

### 6.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар пояи маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва амалии мутобиқ ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методологияи диди системавӣ, консепсияи ташхиси илмӣ, принсипҳои амсиласозӣ ва натиҷаи озмоишҳои компютерӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва мӯътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаҳо ва тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои замонавӣ ва санҷидашудаи илмӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои компютерӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, экспериментҳо (мушоҳидаҳо), арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва нашри маводи илмии таҳқиқот ташкил додаанд.

Дар маҷмӯъ қайд намудан мумкин аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида мушаххас мебошанд ва фикри шахсии муаллифро ба таври комил инъикос менамоянд.

### 7. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар он бо истифодаи васеи адабиёти илмӣ ақидаҳои мушаххас атрофи рақамикунонӣ, иқтисоди рақамӣ, бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ

пешниҳод намудааст ва саҳми муаллифро дар ташаккули ин падидаи муоисри иқтисодӣ барало менамояд. Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи сиёсати иқтисодӣ, барномаҳои рушди соҳаи алоқа ва тақвияти равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт ба таври муассир истифода шаванд.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби муаллиф амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ таҳия гардидааст ва метавонад дар афзоиши даромади соҳа ва афзоиши ММД ва рушди иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак расонад. Доир ба аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои ҳосилшудаи диссертатсия қайд намудан мумкин аст, ки баъзе нуқтаҳои дар он ироагардида метавонад дар такмили низоми пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, рушди сифати онҳо назаррас бошад.

Тавсияҳои пешниҳод гардидаро метавон дар рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба таври васеъ истифода намуд.

## 8.Мутобиқати автореферат ва интишороти муаллиф ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия

Мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти тақризшаванда ба пуррагӣ дар автореферати рисола ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва инчунин дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳои илмию амалии сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар сатҳи зарурии илмию назариявӣ ва методӣ иҷро шудааст.

Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудааст ва бо забони илмӣ дар сатҳи зарурӣ иҷро шудааст.

9. **Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» аз рӯйи натиҷаҳои ҳосилшудаи илмӣ ва амалӣ мутобиқи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 -Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи системаҳои
бисёршабакавии телекоммуникатсионии
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллоев У.Ӯ.

Имзои Сайдуллоев Умедҷон Ӯктамовичро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, Тел.: (+992) 342265273. E-mail: saidullaev_umed@mail.ru
Тел: +992935060061

14 майи соли 2025